# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ ҚАБУЛ КАРДАНИ ҚИСМИ ДУЮМИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Моддаи 1. Қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шавад (минбаъд қисми дуюми Кодекс).

Моддаи 2. Аз 1 июли соли 2000 зерфасли 2 "Навъҳои алоҳидаи ӯҳдадориҳо"-и фасли сеюм, "Ҳуқуқи ӯҳдадорӣ"-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 1963 "Дар бораи тасдиқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мувофиқи онҳо ба фаслҳои ишорашудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид карда шудаанд, беэътибор дониста шавад.

Моддаи 3. Минбаъд, то мутобиқ гардондани қонунҳо ва дигар санадҳои ,у,у,ии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда бо қисми дуюми Кодекс қонунҳо ва дигар санадҳои хуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон то вакте истифода бурда мешаванд, ки онҳо хилофи қисми дуюми Кодекс набошанд.

Моддаи 4. Қисми дуюми Кодекс нисбат ба муносибатҳои хуқуқи гражданӣ, ки баъди татбиқ гардидани он ба вуҷуд омадааст, истифода бурда мешавад.

Аз рӯи муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ, ки то дар амал татбиқ гардидани он вуҷуд омадааст, қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба он хуқуқҳо ва вазифаҳо истифода бурда мешавад, ки онҳо баъди ба амал татбиқ кардани он ба вуҷуд меоянд.

Моддаи 5. Меъёрҳои барои тарафҳо ҳатмии қисми дуюми Кодекс оид ба асосҳо, оқибатҳо ва тартиби бекор кардани навъҳои алоҳидаи шартномаҳо, инчунин нисбат ба шартномаҳое, ки баъди татбиқи қисми дуюми Кодекс, сарфи назар аз санаи бастани он, амал мекунанд, татбиқ карда мешаванд.

Меъёрҳои барои тарафҳо ҳатмии қисми дуюми Кодекс дар бораи ҷавобгарӣ барои вайрон кардани ӯҳдадориҳои шартномавӣ, агар чунин қонуншиканӣ баъди дар амал татбиқ гардидани қисми дуюми Кодекс рух дода бошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар дар шартномаҳои то 1 июли соли 2000 басташуда барои чунин қонуншиканӣ навъи дигари ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст, истифода бурда мешавад.

Моддаи 6. Меъёрҳои қисми дуюми Кодекс дар қисмате, ки ба аҳдҳо вобаста ба китъаҳои замин марбут аст, то ҳадде истифода бурда мешавад, ки равиши онро қонунгузории замин иҷозат медиҳад.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмонов

ш.Душанбе

11 декабри соли 1999 № 884